ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи "Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодаи нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод гардидааст.

Зағир дар ҷумҳурӣ, яке аз зироати равғандиҳандаи асосӣ ба шумор рафта, онро аҳолӣ барои истеҳсоли равғани растании аз чиҳати экологӣ тоза ва кунҷораи серғизои онро барои рушди соҳаи чорводорӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Инчунин, ин зироат аҳаммияти табобатӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва агротехникӣ дорад. Дар шароити зуд тағйирёбии иқлим мушоҳида мегардад, ки аксарияти зироатҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла зағири равғандиҳанда аз сабаби баланд шудани ҳарорати ҳаво ё сардиҳои зиёд тоб наоварда ба гирифтани ҳосили паст оварда мерасонад. Таҳқиқотҳои муассисаҳои илмӣ ва таҷрибаҳои пешқадами ватанию хориҷӣ нишон медиҳанд, ки аз истифодабарии технологияҳои инноватсионии парвариш, махсусан тухмии навъҳои серҳосил ва меъёрҳои мусоиди нуриҳои маъданӣ ҳосилнокии зироатҳо аз 30 то 40 фоиз меафзояд.

Тадқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Дилшодбег Шарифович доир ба муайян намудани истифодабарии меъёрҳои оптималии нуриҳои маъданӣ барои навъҳои зағири маҳаллии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 10" ва "Ҳисор – 474" равона гардидааст.

Дар натиҷаи корҳои илмӣ тадқиқотӣ унвонҷӯ Аҳмадов Д.Б., барои заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор технологияҳои инноватсионии парвариши зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 474" ва "Ҳисор – 10" таҳқиқ намудааст. Ӯ илман ба исбот расонидааст, ки истифодабарии 60 кг нурии нитрогенӣ, 60 кг фосфорӣ ва 45 кг калийгӣ дар 1 гектар дар намуди моддаи таъсирбахш бо тарзи кишти камбари байниқатории 15 см гирифтани то 12 сентнер ҳосили тухмӣ, 480 кг равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд ва кунҷораи серғизои он барои рушди соҳаи чорводорӣ аҳаммияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ дорад. Натиҷаи кори тадқиқотим унвонҷӯ соли 2025 дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии "Зироаткор" - и Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор дар майдони 2 гектар татбиқ карда шудааст.

Унвончӯ дар доираи мавзуи диссертатсия 9 маводи илмӣ ба таъб расонидааст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Новобаста аз арзишнокии диссертатсия хуб мешуд, ки дар тадқиқот масъалаҳои зерин барраси мегардид:

1. Барои чи дар таҳқиқот танҳо 2 навъи зағир омӯхта шудааст. магар дар ҷумҳурӣ навъҳои дигар вуҷуд надоранд?
2. Дар таҳқиқот намнокии хок муайян карда шудааст ё не.

Дар умум, кори диссертатсионии Аҳмадов Дилшодбег Шарифович ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:

Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, аъзои хориҷии Академияи илмҳои Россия, корманди шоистаи Тоҷикистон, сарходими шуъбаи идоракунии захираҳои об ва обсарфанамоӣ Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ Пулатов Я.Э.

Суроға: индекс, 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Ҳисор, шаҳраки Шарора,
кучаи Сафаров Тоир, хонаи 6
Тел: (+992)111177556,
Email: yarash.pulatov1959@gmail.com

Имзои Я.Э. Пулатов – ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои ИМОГваЭ АМИ ҶТ Адамкулова С.

Суроғаи муассиса:
734042 ш. Душанбе, кучаи Бофанда, бинои 5/1
Тел: (+992 37) 2213901
E-mfil: info@imoge.tj

14 сентябри соли 2026